“Тасдиқ мекунам”
Директори Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ, н.и.к.
Кароматов Ш.Ш. ______________
«__14__» ____апреля____ соли 2025

**Хулосаи**
Шурои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

Диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05–Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ дар шуъбаи селексия ва тухмипарварии картошкаи Институи боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Акрамов А.Х. унвонҷӯи Институи боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ ба шумор мерафт.

Акрамов Абдуҳалим Холович соли 2006 ба факултети боғдорӣ ва биотехнологияи кишоварзӣ дар ихтисоси меваю сабзавот ва токпарварӣ дохил шуда, онро соли 2011 бо ихтсоси олим агроном хатм намуд. Соли 2018 ҳамчун унвонҷӯи Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05–селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ ба қайд гирифта шуда, соли 2021 хатм кардааст.

Номбурда бо фармоиши президенти АИКТ №07[а] ф/а аз “15” марти соли 2018 ба ҳайси унвонҷӯи шуъбаи селексия ва тухмипарварии картошкаи Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ қабул карда шудааст.

Мавзӯи кори диссертатсионӣ дар Шурои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ Протоколи №3 аз “15” марти соли 2018 баррасӣ ва тасдиқ гардидааст. Инчунин роҳбари илмии унвонҷӯ – Назиров Ҳикматулло Нуруллоевич, доктори илмҳои кишоварзӣ, сарходими илмии шуъбаи технологияи муосири сабзавоткории Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ таъин карда шуд.

Акрамов А.Х. имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм санаи 06.04.2021 бо баҳои 4, забони хориҷӣ (англисӣ) санаи 08.04.2021 бо баҳои 4 ва ихтисосро санаи 24.01.2024 бо баҳои 4 супоридааст.

Диссертатсияи Акрамов А.Х. дар ҷаласаи шуъбаи селексия ва тухмипарварии картошка аз “10”- уми марти соли 2025, №1 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзӯи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт» чунин хулоса қабул карда шуд:

**- мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия;**

Соҳаи таҳқиқоти мавзуи диссертатсионӣ селексия ва тухмипарварии зироатҳои кишоварзӣ буда, мазмуни диссертатсия ва таҳқиқоти иҷрошуда ба шиносномаи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ ва бандҳои зерин мутобиқат мекунад.

**- алоқамандии мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ;**

Мавзуи диссертатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ алоқамандии зич дошта, бо як қатор барномаҳои давлатӣ аз ҷумла:

1. “Барномаи давлатии рушди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, №790 аз 30.12 .2015;

2.“Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020”, №438 аз 20.10.2016 ;

3. “Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2012-2020”, №383 аз 1 .08. 2012;

4. «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2022», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2011, № 227 тасдиқ гардидааст;

5. “Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025”, ки аз 3.04.2021, №117 тасдиқ гардидааст, алоқамандии калон дорад.

Инчунин таҳқиқотҳо мутобиқ ба лоиҳаҳои фармоишии корҳои илмию таҳқиқотии шуъбаи селексия ва тухмипарварии картошка барои солҳои 2016-2020 дар мавзуи «Офаридану интихоби навъҳои картошкаи тезпазаку миёнапазаки солими ба гармию хушкӣ тобовар, такмил додани тухмипарварии он дар асоси истифодаи усулҳои биотехнологӣ ва афзоишдиҳии маводи тухмии элитавӣ», РКД № 0116 TJ00624 ва барои солҳои 2021-2025 дар мавзуи «Бо усули селексияи клонӣ офаридани навъҳои тезпазаку миёнапазаки ба гармию хушкӣ тобовари картошка,

такмил додани тухмипарварии онҳо», РКД 0121TJ1132 равона гардидааст.

**- мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он;**

Натиҷаҳои таҳқиқот дар 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 7 мақола дар маводҳои Конференсияҳои ҷумҳуриявии илмиву назариявии АИКТ ва 2 мақолаи илмӣ дар Конференсияҳои байналмилалӣ ба чоп расиданд, ки мазмуну мундариҷа ва муҳтавои асосии таҳқиқоти мазкурро дар бар мегиранд.

**- мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо;**

Таҳқиқотҳо тайи солҳои 2019-2022 гузаронида шуда, натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидашуда ҳамасола дар ҷаласаи Шурои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ баррасӣ ва муҳокима гардидаст. Муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳо оид ба истеҳсолот асоснок карда шуда, ба маълумоти таҳлилӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд, ки дараҷаи эътимоднокии онҳо бо коркарди оморӣ бо истифода аз барномаи компютерии Microsof Exsel собит шудааст. Инчунин натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявӣ ва рӯзномаю маҷаллаҳои тақризшаванда аз ҷумла: конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ дар мавзуъҳои: “Нақши илми кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ” бахшида ба даҳсолаи байналмилаллии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” Душанбе -2018, АИКТ; “Самтҳои афзалиятноки рушди илми кишоварзӣ” бахшида ба даҳсолаи байналмилаллии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028”- Душанбе -2019; “Саҳми олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технологияи кишоварзӣ” бахшида ба солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” - Душанбе -2020, АИКТ; “Нақши тухмипарварӣ дар рушди соҳаи картошкапарварӣ” - Душанбе -2020, ИБТС - АИКТ; “Саҳми олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технологияи кишоварзӣ” бахшида ба 30 - солагии Истиқлолияти Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” Душанбе -2021, АИКТ ва ғайраҳо таъйид шуданд.

Натиҷаи корҳои илмӣ таҳқиқотӣ дар шароити ноҳияи Лахш дар майдони 20 га тадбиқ карда шуда, аз тарафи раёсати кишоварзии ноҳия санади тадбиқ имзо ва мухр карда шудааст.

**- саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ.**

Саҳми шахсии муаллиф дар омода намудан ва интихоби дурусти мавзуи таҳқиқотӣ аз ҷумла асосноккунии назариявӣ ва амалии самти интихобшуда ва усулҳои таҳқиқот, ташкилу гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ ва озмоишгоҳӣ, апробатсия ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот, таҳлилу коркарди оморӣ ва тадбиқи натиҷаҳои ба даст омада иборат мебошад. Ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот ва нашри мақолаҳо дар якҷоягӣ бо роҳбари илмӣ анҷом дода шуда, инчунин таҳияи умумии диссертатсия ва автореферати он аслияти матни диссертатсияро инъикос менамояд. Иштироки бевоситаи муаллиф ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои илмӣ ба 82 % баробар мебошад.

Диссертатсияи Акрамов А.Х. дар мавзӯи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт» ба ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пурра мувофиқат мекунад.

Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мутобиқат менамояд:

Банди - 3. Услуб, техника ва нақшаҳои технологии равандҳои селекциониву тухмипарварӣ. Кор карда баромадан ва такмил додани усулҳои гуногуни интихоб, дуругакунии дохили навъӣ ва дур.

Банди – 5. Тарҳрезии усулҳои баҳодиҳии хусусиятҳои ҳосилнокӣ, мутобиқшавӣ ва дигар хусусиятҳои хоҷагидорию пурқиматии навъҳо, маводи селекционию киштшаванда (тухмӣ). Такмилдиҳии принсипҳои минтақабобкунии экологию ҷуғрофии навъҳо ва аз рӯйи минтақаҳо ҷойгиркунии заминҳо барои тухмипарварӣ.

Диссертатсияи Акрамов А.Х. аз муқаддима, 6 боб, 20 параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзӯъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 1,25 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

## I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

**[1-М]. Акрамов А.Х.** Санҷиши экологияи навъҳои селексионии картошка дар шароити баландкӯҳи Тоҷикистони Марказӣ / А.А.Мирзоев, А.Х. Акрамов, Ҳ.Н.Назиров // Гузоришҳои АИКТ- 2019- №4 (62), с.20-24.

**[2-М]. Акрамов А.Х.** Хусусиятҳои агроэкологии навъу намунаҳои коллексионии картошка дар шароити минтақаҳои кӯҳӣ, доманакӯҳӣ ва водигии Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.Х.Акрамов, Ҳ.Н.Назиров // Кишоварз, 2021- №2 (91) с.27-30.

**[3-М]. Акрамов А.Х.** Урожайность коллекционных сортов картофеля в горных зонах Раштской долины / А.Х.Акрамов, Ҳ.Н.Назиров // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 2021-№2 (211) с.65.

**[4-М]. Акрамов А.Х.** Отличителные особенности технологии повторного посева картофеля и его урожайность в условиях Гиссарской долинны Республики Таджикистан / А.Х.Акрамов, А.А.Мирзоев, Ҳ.Н.Назиров // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон- 2022, №4 (219). с.52-56.

**[5-М]. Акрамов А.Х.**Изучение агроэкологических особенностей интродукционных сортов картофеля в условиях Раштской зоны Таджикистана // А.Х.Акрамов // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон- 2023№2 (221), с.60-63.

**[6-М]. Акрамов А.Х.** Разработка эффективной системы защиты картофеля против колорадского жука в республике таджикистан / Дж.А.Толихов, А.Х.Акрамов, М.Х.Султанова, З.М.Курбонов// Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 2023- №2 (221), с.64-71.

## II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:

**[7-М]. Акрамов А.Х.** Агротехникаи парвариши картошкаи барвақтӣ дар шароити водии Ҳисор / А.Х.Акрамов, Ф.Ҳакимова, Ҷ.Д.Фозилов// Маводи конф. илмии ҷумҳуриявии олимони ҷавон “самти афзалиятноки рушди илми кишоварзӣ” бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал “об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” ва солҳои 2019-2021 “солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” – 2019. с.79-85.

**[8-М]. Акрамов А.Х.** Интихоб ва тайёр кардани замин барои кишти картошка / Ш.И.Шарипов, А.Х.Акрамов, // Маводи конф. илмии ҷумҳуриявӣ олимони ҷавон “Самти афзалиятноки рушди илми кишоварзӣ” бахшида ба даҳсолаи байналмилаллии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” ва солҳои 2019-2021 “солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”. – 2019. с.63-64.

**[9-М]. Акрамов А.Х.** Нишонаи пайдоиши касалиҳои замбӯруғии картошка дар майдони кишт ва чораҳои мубориза бар зидди онҳо /А.Х.Акрамов, Ҷ.А.Толиҳов, Р.Бобокалонов // Маводи конф. илмии ҷумҳур. “Саҳми олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технологияи кишоварзӣ”, бахшида ба солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” ва даҳсолаи байналмилаллии амал “Об барои рушди устувор”, 2018-2028 - 2020. с.55-59.
**[10-М]. Акрамов А.Х.** Усулҳои муайян намудани зичии ҷойгиршавии ниҳолҳои картошка ва ҳосилнокии он дар майдони кишт. /А.Х. Акрамов, Ф.Ҳакимова, М.Давлатов, Р.Бобокалонов// Маводҳои конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ- амалӣ “Нақши тухмипарварӣ дар рушди соҳаи картошкапарварӣ”-2020. с.12-15.
**[11-М]. Акрамов А.Х.** Усулҳои аз тухмакҳои ботаникӣ парвариш намудани картошка /А.Х.Акрамов, Ҷ.С.Саидова, А.А. Мирзоев, Б. Саидмухторова// Маводи конф. илмию амалии ҷумҳур. “Саҳми олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технологияи кишоварзӣ”, Бахшида ба 30- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” - 2021. С- 47-50.
**[12-М]. Акрамов А.Х.** Сабзиш ва ҳосилнокии навъҳои интродуксионии картошка ва таъсири иқлим ба маҳсулнокии онҳо дар шароити кӯҳии водии Рашт / А.Х.Акрамов // Маводи конференсияи илмию назарявии байналмилаллӣ дар мавзуи “Истифодабарии усулҳои инноватсионӣ дар баланд бардоштани ҳосилнокии дарахтони мевадиҳанда, ангур ва зироатҳои сабзавотию картошка”- 2022, с.164-167.
**[13-М]. Акрамов А.Х.** Омӯзиши хусусиятҳои агроэкологӣ ва ҳосилнокии навъу намунаҳои колексионии картошка дар кишти барвақтӣ дар шароити водии Ҳисор /А.Х.Акрамов, М.Давлатов, Нурҷаҳони Р// Маводи конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ. “Саҳми олимони ҷавон дар самтҳои афзалиятноки рушди илми кишоварзӣ” бахшида ба солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” ва даҳсолаи байналмилаллии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028”. - 2023. с.74-76.
**[14-М]. Акрамов А.Х.** Самаранокии иқтисодии навъҳои нави картошка дар шароити кӯҳии мавзеи Лахши водии Рашт // А.Х.Акрамов, Ҷ.Салимзода // Маҷмуи мақолаҳои илмии конференсияи байналмилаллии илмӣ - амалӣ дар мавзуи “Гузашта, ҳозира ва дурнамои

соҳаҳои сабзавоту картошкапарварӣ ва боғу токдории Тоҷикистон”.- 2024. с.75-78.

**[15-М]. Акрамов А.Х.** Алоқамандии аломатҳои гуногун ба маҳсулнокӣ ва ҳосилнокии навъҳои нави картошка дар шароити ноҳияи Лахши минтақаи Рашт. / А.Х.Акрамов // Маводҳои конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ “Нақши олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технологияи кишоварзӣ” -2024. с.49-51.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05–Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05–Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса, дар ҷаласаи Шурои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон санаи 09.04.2025 №4 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ - 11 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “тарафдор” – 11 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест.

Раиси ҷаласа: н.и.к., Кароматов Ш.Ш.

Котиби ҷаласа: Шарипов Ш.И.

Имзоҳои Кароматов Ш.Ш.
ва Шарипов Ш.И. - ро тасдиқ менамоям:
сармутахассис оид ба кадри Институти боғу
токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ Музафарова М.Н.